## ХУЛОСАИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

оид ба диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзӯи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Сафарзода Гулистон Сафар хатмкардаи факультети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

Сафарзода Гулистон Сафар баъди хатми донишгоҳ соли 2015 ба ҳайси китобдори дараҷаи якуми китобхонаи вилоятии ба номи А. Шукуҳӣ дар шаҳри Бохтар фаъолияти меҳнатиашро оғоз намуда, дар ин даврадар вазифаҳои гуногун: солҳои 2012-2014 омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 - и ноҳияи Бохтар, солҳои 2015-2016 дар вазифаи муовини директори муассисаи давлатии осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи “Авасто” кор кардааст.

Аз соли 2016 то инҷониб ба ҳайси директори муассисаи давлатии осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи “Авасто”фаъолият менамояд.

Мавсуф соли 2018 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ ҳамчун унвонҷӯ қабул гардида, оид ба масъалаи нақши барномаҳои давлатӣ, дурнамои татбиқи барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ гузаронидааст.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотии илмии Сафарзода Гулистон Сафар аз он иборат аст, ки дар шароити кунунӣ гузаронидани ислоҳоти соҳаи маориф, ки мақсади асосии он ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, ҷавобгӯ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим, стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ба ин васила, таъмини рақобатпазирии низоми маорифи кишварамон ба талаботи бозори ҷаҳонии таҳсилот мебошад, зоҳир гардидааст.

Унвонҷӯ Сафарзода Гулистон Сафар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ адабиёти зиёди илмии ба масоили таҳқиқоти диссертатсиониаш бахшидашударо ҳаматарафа омӯхта, таҳлилу баррасӣ намуда, дар натиҷа ба чунин хулосаи дуруст меояд, ки тақдири имрӯзу фардои кишварамон аз рушди маориф ва раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ вобаста буда, ҳар қадар насли наврас тавоно ва соҳибдонишу бомаърифат, навовару ихтирокор бошанд, ҳамон қадар ояндаи мамлакат шукуфон мегардад.

Унвонҷӯ хеле дуруст натиҷагирӣ кардааст, ки дар шароити кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз навсозӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф бо маром идома дорад, таҳлили масоили татбиқи асосҳои назариявию амалии Барномаҳои давлатӣ саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертант дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ироа гардида, ҳамзамон оид ба натиҷаи таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби ӯ 7 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тақризшаванда ба табъ расидаанд.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Сафарзода Гулистон Сафар дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир намуда, худро ҳамчун шахси бонизом, мустақил, масъулиятшинос муаррифӣ намудааст. Қобилияти истодагарӣ карда тавонистан, мақсаднокӣ ва мустақилиятнокӣ ба унвонҷӯ имкон доданд, ки масъалаҳои ҳанӯз ҳалнашударо оид ба зарурати қабул вараванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ ошкор намояд.

Дар умум, ҳамчун роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзӯи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯиихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилотмусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои ташхиси мутахассисон, муҳокима ва дифоъ тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи мактаб (синф)-ҳои камнуфус ва таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Г.Ҷонмаҳмадова

Имзои Г.Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х. Ҳакимова